

**ГАДОЕВ САБЗААЛИ МУХШУЛОВИЧ** (19.07.1959), н. Фархор, деҳаи Алоуддин. Физикдон, номзади илмҳои техникӣ (1993) ва доктори илмхои техникӣ (2020). Соли 1982 ДДТ-ро хатм намудаам ва аз ҳамон сол инҷониб дар кафедра меҳнат мекунад.

Дар аспирантураи институти физикаи муҳандисии ш. Москва тахсил кардааст (1987-1992) ва рисолаи номзадиашро дар ҳамин Шӯро, тахти рохбарии проф. Скоробокатов П.К. дифоъ намудааст (1993). Аз соли 1998 то 2009 ва аз соли 2013 то апрели 2018 вазифаи мудири кафедраро ба уҳда дошт.

Дар бисёр форумҳои байналмиллали ва симпозиумҳои умумииттифоқи ширкат варзида, зиёда аз 75 мақолаву хабарҳои илмӣ ва 9 дастури таълимию методи, ду монографияи илмӣ ва ду ихтироъкорӣ ба чоп расонидааст.

Масъалаҳои соҳаи асосии ҷустуҷуи илмиаш «Таъсири афканишоти ионизатсиякунанда ба параметрҳо ва хосиятҳои физикии сохторҳои нимноқилии технологияҳои гуногун » мебошад.

Барои хизматҳои шоёнаш ба нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукофотонида шудааст (1995).

Аз соли 1983 то инчониб дар кафедраи электроникаи физикии ДМТ фаъолият дорад.